Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700– Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) шудааст.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагии қишлоқ яке аз соҳаҳои пешрафтаи иқтисодиёт буда, қисми зиёди ММД ва шуғли аҳолиро таъмин менамояд. Идоракунии самараноки равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ бевосита ба устуворӣ ва афзоиши истеҳсоли кишоварзӣ таъсир мерасонад. Дар шароити муосири тағйирёбии глобалии иқлим ва мушкилоти иқтисодӣ таъмини рушди устувори низомҳои кишоварзӣ муҳим аст. Идоракунии раванди такрористеҳсолкунӣ дар нигоҳ доштани ҳосилнокӣ ва устувории экологии кишоварзӣ нақши калидӣ дорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва навсозии равандҳои истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ равишҳои навро барои идоракунии такрористеҳсолкунӣ талаб мекунад.

Ин оптимизатсияи истифодаи захираҳо, татбиқи усулҳои муосири идоракунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳоро дар бар мегирад. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз қабили муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот, даромади кам ва дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ рӯ ба рӯ мешавад. Идоракунии самараноки раванди такрористеҳсолкунӣ метавонад ба ҳалли ин мушкилот тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои кишоварзӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолии деҳот мусоидат кунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди кишоварзиро тавассути барномаҳо ва ташаббусҳои гуногун фаъолона дастгирӣ менамояд. Таҳқиқоти идоракунии раванди такрористеҳсолкунӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ ба таҳияи тавсияҳо барои сиёсати давлатӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории бахши кишоварзӣ нигаронида шудааст, мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсия ҳам аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои комплексии рушди кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст, муҳим ва мубрам мебошад.

Новобаста аз оне, ки муаллиф дар омода намудани рисолаи илмӣ заҳмат кашида, рисоларо дар сатҳи хуби илмӣ омода намудааст, барои баланд бардоштани сифати кор чунин пешниҳод менамоям.

- дар автореферати мазкур хуб мешуд, ки агар аз ҷониби муаллиф таҷрибаи хориҷӣ оид ба механизмҳои идоракунии раванди такрористеҳсолӣ бештар оварда мешуд.

- дар ҷадвали 1 автореферат, дар таҳлил нишондиҳандаҳои соли 1991 оварда шудааст, аммо беҳтар мешуд, ки муаллиф дар таҳлил нишондиҳандаҳои солҳое, ки пули миллӣ баромадааст истифода мебурд. Дар ин ҳолат таҳлили муаллиф саҳеҳтар баҳогузорӣ мешуд.

Камбудиҳои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати кори илмии анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Автореферати Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат карда, муалифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700– Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
д.и.и., профессор, профессори
кафедраи фаъолияти гумрукии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Имзои **Раҷабов Р.К.**-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Суроға:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.душанбе, к. Деҳоти 1/2
Тел: +992(37) 234-85-46
E-mail: tguk@mail.ru
Сомона: www.tguk.tj